# Хоҳари диндор кист?

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Таҳияи: Абдуссатори Ҳақназар**

2010 - 1431

islamhouse.com

# من هي الأخت المتدينة؟

« باللغة الطاجيكية »

إعداد و تقديم: عبد الستار حقنظر

2010 - 1431

islamhouse.com

## Хоҳари диндор кист?

Хоҳари диндор: Нафсу хонаводаи хешро аз ширки зоҳириву ботинӣ нигоҳ медорад.

Худованд мефармояд:

«Ҳароина Худованд ҳар касро, кӣ ба Ӯ ширк овард нахоҳад бахшид ва ба ҷуз ширк гуноҳони дигарро аз ҳар ки хоҳад мебахшад» (ояи карима)

Хоҳари диндор: Ҳоҷати хешро танҳо аз Худо талаб карда танҳо назди Парвардигори хеш сар фуруд меорад.

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّهُۥ مَخْرَجًا ﴿٢﴾ ﴾ الطلاق: ٢

«Ҳар кас худотарс шуд Худо роҳи берун шудан (аз ӯҳдаи гуноҳҳон ва балою ҳаводиси сахтӣ олам )- ро бар ӯ мекушояд» «Талоқ»-2

Хоҳари диндор : Хоҳари диндор аз ғайбату масхара ва таҳқири дигарон дурӣ меҷӯяд.

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ وَلَا تَلْمِزُوٓاْ أَنفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُواْ بِٱلْأَلْقَٰبِ ﴿١١﴾ ﴾ الحجرات: ١١

«Ва ҳаргиз айбҷӯи (аз ҳамдинон) худ макунед ва ба ном ва лақабҳои зишт якдигарро

махонед».«Ҳуҷурот»-11

Хоҳари диндор : Ҳаёти хубу оромӣ ва амали некро ба матои ночизи дунё муқаддам медонад.

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ ﴿ مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةً طَيِّبَةً ۖ وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٩٧﴾ ﴾ النحل: ٩٧

«Ҳар кас аз мард ва зан кори неке ба шарти имон ба Худо ба ҷо орад мо ӯро дар зиндагонии хушу босаодат зиндаабад мегардонем ва аҷри бисёр беҳтар аз амали некӣ, ки карда ба ӯ ато мекунем» «Наҳл»-97

Хоҳари диндор: Аз нафси хеш бештар манфиати умумро фикр карда барои хидмати уммат қоим мешавад.

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ ﴿ وَافْعَلُوا۟ ٱلْخَيْرَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿٧٧﴾ ﴾ الحج: ٧٧

«Ва кори накӯ кунед бошад, ки растагор шавед» «Ҳаҷ»-77

Хоҳари диндор : Ба омӯхтану омӯзондани Қуръону Суннат ва сирати Паёмбар (с) кӯшиш менамояд.

Хоҳари диндор : Ихлосу тақворо ҳамеша пеша мекунад.

Паёмбар (с.в) мефармояд: «Бузургвор ва боифтихортарини шумо назди Худо ботақвотарини мардуманд» «Ҳуҷурот»-13

Хоҳари диндор : Ҳамеша аз Худованд собит-имонӣ ва зиёдшавии онро металабад.
Паёмбар (с.в) мефармояд: «Аз Худо таҷдиди имонро дар дилҳоятон талаб кунед» Ҳадиси шариф.